# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Фарзонаи Сайфиддин дар мавзуи «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII - XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Имрӯз, дар пасманзари таъсири манфии ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои маънавию ахлоқии насли наврас, эҳёи андешаҳои тарбиявии мутафаккирони барҷастаи асрҳои XII–XIII, аз ҷумла Имом Ғаззолӣ, Носири Хусрав, Абӯалӣ ибни Сино, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва дигарон, аҳамияти махсус пайдо мекунад. Кори пешниҳодшуда маҳз ба таҳлили амиқи афкори педагогии ин шахсиятҳои маъруф бахшида шуда, муаллиф кӯшиш намудааст, ки робитаи таълимот ва тарбияи инсонпарваронаву ахлоқии онҳоро бо ниёзҳои таҳсилоти муосир ва масъалаи тарбияи маънавии насли наврас равшан намояд. Кори мазкур бо забони равон ва услуби илмӣ таълиф ёфта, манбаъҳои боэътимодро дар бар мегирад. Муаллиф тавонистааст мазмун ва аҳамияти таълимоти анъанавиро бо талаботи замони муосир пайваст намояд, ки ин аз қобилияти таҳлил ва ҷаҳонбинии васеи ӯ дарак медиҳад.

Аз ҳамин ҷост, ки ҷомеа аз косташавии ахлоқи наврасону ҷавонон изҳори нигаронӣ мекунад. Дар воқеъ, рушди ҷомеа дар ҳар кишвари пешрафта бо ғановати маънавии таърихи гузаштагонаш зич алоқаманд аст. Танҳо ифтихор аз дастовардҳои тамаддуни миллӣ, омӯзиши таърих, шинохти фарҳанг ва арҷгузорӣ ба муттафаккирони хирадманду аҳли илму адаби миллат метавонад дар равандҳои таълиму тарбияи насли нав нақши муассир дошта, онҳоро ба бахрабардорӣ аз ғояҳои маънавии ниёгон ва худшиносии амиқ ҳидоят намояд.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳолат, ҳар миллати соҳибтамаддун бо мақсади рушди соҳаи маориф ва боло бурдани заковати маънавии мардуми худ, пеш аз ҳама, ба густариши илму маърифат, гиромидошти мактаб ва

муаллим, истифодаи самараноки китобу барномаҳои таълимӣ, таҳкими масъулияти падару модар, боло бурдани худшиносӣ ва дарки ҷойгоҳи хеш дар ҷомеа аҳамияти хоса медиҳад. Чунин миллатҳо расму анъанаҳои таълимии гузаштагонро ҳамчун маҳсули хиради инсонӣ пазируфта, онҳоро сармашқи фаъолияти худ дар соҳаи таълиму тарбия қарор медиҳанд.

Мавзуи таҳқиқнамудаи докторант Фарзонаи Сайфиддин бо омӯзиши ҳамаҷонибаи манбаъҳои илмии марбут ба соҳаҳои педагогика, психология, фалсафа, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар бахшҳои вобаста амалӣ гардидааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ корҳои олимони пешсафи соҳаҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, равшан намудааст, ки аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII–XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот то чӣ андоза муҳим ва амалӣ буда метавонад.

Докторант дар марҳилаи таҳқиқоти муқарраркунанда ба таҳияи консепсияи таҳқиқот, барномаи озмоишӣ, нақшаи кор ва ташхиси ҳайати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ машғул гардид. Дар ҷараёни ин марҳила, нашрияҳои методӣ ва илмӣ, таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба мавзӯи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷики асрҳои XII–XIII дар тарбияи насли наврас мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуданд. Ҳамзамон, саволномаҳои марбут ба сатҳи фаҳмиши тарбиявӣ ва эҳсоси қарзи шаҳрвандии хонандагон таҳия ва дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди татбиқ ва таҳлил қарор гирифтанд. Натиҷаҳои бадастомада барои муайянсозии ҳолати воқеии масъалаи мавриди таҳқиқ замина фароҳам оварданд.

Лозим ба таъкид аст, ки дастгоҳи илмии диссертатсия босаводона ва илман асоснок омода карда шудааст, мазмуну муҳтавои диссертатсия маҳз дар асоси он руйи кор оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти анҷомдодаи докторант Фарзонаи Сайфиддин шаҳодат медиҳад, ки истифодаи кори илмӣ-методии таҳти унвони «Аҳамияти педагогии афкори мутафаккирони асрҳои XII–XIII дар тарбияи насли наврас дар шароити муосири таҳсилот» аз лиҳози мазмун, услуб ва муҳтавои илмӣ пурра ҷавобгӯи талаботи замони муосир мебошад. Диссертатсия метавонад ҳамчун маводи омӯзишӣ ва методӣ барои омӯзгорон, донишҷӯёни соҳаи педагогика ва тарбия, инчунин муҳаққиқони соҳаи таърих ва фалсафа нақши арзанда бозад.

Таҳқиқоти мазкур кори мустақилона анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент, декани факултети
тарбияи ҷисмонии Донишкадаи
тарбияи Тоҷикистон ба номи
С. Раҳимов Файзуллозода Ҳусейн
Файзулло

*Имзои Ф.Ҳ. Файзуллозодаро тасдиқ мекунам.*
*Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқӣ*
*Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон*
*ба номи С.Раҳимов* *Мирзоев О.У.*

14.07.2025

**Маълумот барои тамос:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Лучоб, 53. Тел: 988414190 E-mail: faizullozoda.husein@mail.ru